«Тасдиқ мекунам»
Донишгоҳи давлатии молия
ва иқтисоди Тоҷикистон
н.и.и., дотсент
________ Абдуалимзода Ҳ.А.
«___» ________ соли 2024

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Ғаюрова Рано Саидмуродовна дар мавзӯи “Мукаммалгардонии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.05.03 - Хизматрасониҳои нақлиётӣ ва гумрукӣ).**

## 1. Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки раванди ҳамгироиҳо ба таъмини суръати баланди рушди иқтисодиёт мусоидат мекунад.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз шаклҳои оптималии ҳамгирой ба иқтисоди ҷаҳонӣ иштирок дар савдои байналмилалӣ мебошад. Яке аз муҳимтарин омили инкишофи он самарабахш ташкил кардани системаи амалкунандаи хадамоти гумрукӣ, ки ба тоҷирон шаффофият, пешгӯӣ ва суръатбахшии харид ё фурӯши молро таъмин хоҳад кард. Мавриди зикр аст, ки нисбати мафҳуми истилоҳи "хизматрасонии гумрукӣ" бисёр тафсирҳо мавҷуданд. Аксари муаллифон чунин мешуморанд, ки хадамоти гумрукӣ фаъолияти мақомоти гумрук, ба танзими гумрукӣ ва назорати фаъолияти савдои берунӣ дахл доранд ва ба ҳифзи амнияти иқтисодии кишвар нигаронида шудааст, дигарон онро ҳамчун фаъолият шарҳ медиҳанд, ки ба иҷрои вазифаҳои хизмати гумрук дар татбиқи ваколатҳои алоҳидаи давлатӣ мувофиқи қонунгузорӣ ҷорӣ сафарбар гардидааст.

Дар марҳалаи ҳозира хадамоти гумрукӣ дар раванди такмилдиҳӣ, навсозӣ ва таъсиси инфрасохтори пешрафтаи гумрукӣ, ба таври кофӣ тамоюлҳои бозорҳои дохилӣ ва ҷаҳонӣ, ҷустуҷӯи роҳҳои беҳтар намудани сифати хадамоти гумрукӣ бо назардошти стандартҳои байналмилалӣ истодааст.

Дар баробари ин таҳлили ҳамаҷонибаи фаъолияти мақомотҳои гумрукӣ нишон медиҳанд, ки то ҳанӯз проблемаҳое мавҷуданд, ки барои такмили равандҳои инноватсионӣ дар бахши гумрук монеа эҷод кардаанд: номукаммалӣ заминаи меъёрию ҳуқуқӣ ва моддию техникӣ, сатҳи нокифоя

тахассуси кадрҳо, ки ба сифат ва муҳлати бақайдгирӣ таъсир мерасонад тартиботи гумрукӣ, набудани назорати дуруст аз болои сифати махсулоти воридотӣ мол, коррупсия, мавҷудияти унсурҳои иқтисоди «соягӣ» ва ғайра.

Ба ин муносибат омӯхтани проблемаҳо, вазъият ва перспективаҳои тараққиёти фаъолияти хадамоти гумруки ҷумҳурӣ бо назардошти мутобиқшавӣ ба воқеият, таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ, ҷустуҷӯи роҳҳои такмил додан сифати хизмати гумрук, ки на танҳо манфияти иқтисодӣ, балки иҷтимоӣ ҳам доранд аз нуқтаи назари назария ва амалия муҳим ва мубрам аст.

Ҳамин тавр, интихоби мавзӯъ, аҳамияти илмию назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионии Ғаюрова Рано Саидмуродовнаро мубрам арзёбӣ намудан мумкин аст.

## 2. Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ва ё соҳаи илми эълоншуда

Диссертатсияи Ғаюрова Рано Саидмуродовна дар мавзӯи “Мукаммалгардонии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба бандҳои ба бандҳои 1.Таҳияи стратегияи рушди бозори хизматрасонии нақлиётӣ ва гумрукӣ дар кишвар, минтақаҳо ва соҳаҳо; 3.Ташаккул ва рушди бозори хизматрасониҳои нақлиётӣ ва гумрукӣ;5.Баҳодиҳӣ ба тамоюл ва қонуниятҳои рушди гардиши мол дар савдои байналмилалӣ ва ҳамлу нақли онҳо; 17. Механизми иқтисодию ташкилии рушди инноватсионии хизматрасониҳои нақлиётӣ ва гумрукӣ ва ҷойгиршавии ратсионалии сохторҳои онҳо;22.Рушди инфрасохтори хизматрасониҳои нақлиётӣ ва гумрукӣ;24.Мазмун, масоил, дурнамои такмили фаъолияти тиҷорати байналмилалӣ ва роҳҳои амалисозии онҳо;25.Таҳияи низоми тадбирҳо оид ба танзими давлатии хизматрасониҳои нақлиётӣ ва тарифию гумрукӣ; 28.Таъмини сатҳу сифати хизматрасонӣ дар субъектҳои хизматрасониҳои нақлиётӣ ва гумрукӣ; 31.Ташкили барасмиятдарорию назорати гумрукии молу воситаҳои нақлиёт, интихоб ва истифодаи низомҳои гумрукӣ, беҳдошти гузаронидани экспертизаи гумрукӣ ва бозрасии мусофирон ҳангоми ҳамлу нақли байналмилалӣ; 41.Механизми танзими тарифию ғайритарифии гумрукӣ ва мукаммал гардонидани раванди интиқоли молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ Шиносномаи номенклатураи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.05.03 - Хизматрасониҳои нақлиётӣ ва гумрукӣ) мувофиқат мекунад.

### 3. Навгонии илмии натиҷаҳо ва хулосаву пешниҳодҳои диссертатсия

Дар диссертатсия тибқи мақсаду вазифаҳои гузошташуда, ҳамаҷониба таҳлил, баҳодиҳӣ ва такмилдиҳии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидааст.

Боиси қайд аст, ки ба ҳимоя, аз ҷониби муаллиф, нуктаҳои зерини назариявӣ, методӣ ва амалии таҳқиқот пешниҳод гардидаанд, ки дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд:

-муаллиф дар диссертатсия моҳият ва нақши бозори хизматрасонии гумрукиро дар сохтори иқтисодиёти кишвар муайян карда, таснифи намудҳои ин хизматрасониҳо барои таъмини фаъолияти иқтисоди байналмилалӣ гузаронидааст. Вобаста ба ин, хизматрасониҳои гумрукӣ барои пешбурди амалиётҳои тиҷоратӣ ва логистикӣ, иҷрои талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ оид ба танзими давлатии фаъолияти иқтисоди байналмилалӣ, инчунин интихоб ва истифодаи низомҳои гумрукӣ дида баромада шудаанд;

-дар рисола таҷрибаи ҷаҳонии рушди низоми идоракунии хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ омӯхта шуда, истифодаи он дар раванди бехтарсозии фаъолияти гумрукӣ дар Тоҷикистон асоснок карда шудааст. Инчунин, тафовут дар таркиби низомҳои гумрукӣ дар амалияи Федератсияи Россия, Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷи дуру наздик мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Таҳлили таҷрибаи хориҷӣ имкон дод, ки равишҳо ва принсипҳои асосие, ки барои рушди системаи хизматрасонии давлатӣ ва истифодаи низомҳои гумрукӣ истифода мешаванд, муайян карда шудааст.

-аз ҷониби муаллиф ҷабҳаҳои консептуалии идоракунӣ ва истифодаи низомҳои гумрукӣ дар рушди фаъолияти иқтисодиёти байналмилалӣ баррасӣ шуда, методологияи идоракунии самарабахши мақомоти гумрук дар асоси истифодаи амсилаи самараноки идоракунӣ ва низомҳои гумрукӣ пешниҳод гардидааст. Таҳлил ва баҳодиҳии хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти динамикаи ҳаҷми амалиётҳои воридотию содиротӣ аз руйи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда, намуди амсилаҳои вобастагии истифодаи намудҳои низомҳои гумрукӣ дар мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2022 ва мудириятҳои минтақавии шаҳри Душанбе, шаҳри Турсунзода, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилояти Суғд ва вилояти Хатлон тартиб дода шуда, камбудиҳои ҷойдошта муайян карда шудаанд.

- ҳангоми таҳқиқ муаллиф омилҳое, ки ба рушди хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ таъсир мерасонанд муайян кардааст. Бо истифодаи ин натиҷаҳо амсиласозии иқтисодию риёзии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар мақомоти гумрук гузаронида шудааст. Натиҷаи амсиласозии иқтисодию риёзии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар мақомоти гумрук имконият медиҳад, ки сатҳи банақшагирӣ ва идораи фаъолияти гумрукӣ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шуда, пурзӯр намудани назорати гумрукӣ, ҳимояи манфиатҳои иқтисодии Тоҷикистон ва бехатарии иқтисодии он таъмин карда шуда, рушди муносибатҳои байналилалиро дар соҳаи гумрукӣ дар сатҳи ҷавобгӯи мавҷуда қарор дода шавад.

-дар диссертатсия ташаккулёбии стратегияи рушди инноватсионии мақомоти гумрукӣ дар шароити муосир бо назардошти муайян намудани ҳадафҳои асосӣ ва афзалиятҳои хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ; самтҳои асосии такмили фаъолияти гумрукӣ; такмил додани қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амалисозии иҷрои вазифаҳои фискалии мақомоти гумрукӣ; такмил додани фаъолияти мақомоти гумрук дар самти таъмини риояи мамнуият ва маҳдудиятҳо; рушди фаъолияти ҳифзи ҳуқуқии мақомоти гумрук; рушди технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионии мақомоти гумрук; такмили кор бо кадрҳо; рушди намудҳои муосири экспертиза ва таҳқиқот ҳангоми гузаронидани назорати гумрукӣ; такмил додани инфрасохтори гумрукӣ ва ғайраҳо ба сомон расонида шудааст. Инчунин дар асоси таҳқиқи фаъолияти гумрукӣ баҳодиҳии сатҳи хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ асоснок карда шуда, барои такмили он чораҳои мушаххас бо назардошти истифодаи оқилонаи ин низомҳо пешниҳод гардидааст. Ҳамзамон баҳодиҳии самаранокии сифати хизматрасониҳои гумрукӣ дар асоси истифодаи усули PESTLE-таҳлил ба анҷом дода шудааст.

- муаллиф бо дарназардошти дурнамои рушди афзалиятноки хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 дар асоси гузаронидани ҳисобҳои экспериментали ва амсиласозии иқтисодию риёзӣ пешниҳод намудааст. Самтҳои асосии афзалиятноки рушди инноватсионии хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро илман асоснок намуда, хеле ба тафсил пешниҳод намудааст.

## 4. Аҳамияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот

Аҳамияти илмию назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он аст, ки татбиқи хулоса ва тавсияҳои асоснокшудаи диссертатсия ба мукаммалгардонии

истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад. Натиҷаҳои таҳқиқот, ки аз ҷониби муаллиф ба даст оварда шудаанд, метавонанд барои ба таври дақиқ ва объективӣ арзёбӣ намудани ҳолати воқеӣ ва баҳодиҳии хизматрасониҳою истифодаи низоиҳои гумрукӣ бо дарназардошти таъсири бисёрҷонибаи омилҳои муҳити дохилӣ ва берунӣ дар шароити муосир истифода шаванд.

Хулосаҳои асосӣ ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, метавонанд дар раванди таълим барои омодасозии мутахассисон дар самти фаъолияти гумрук, инчунин дар курсҳои кӯтоҳмуддати такмили ихтисоси роҳбарон, кормандон ва мутахассисони соаҳаҳои иқтисодиёт истифода шаванд.

## 5. Дараҷаи асоснокӣ ва саҳеҳии муқаррароти илмӣ ва хулосаву пешниҳодот

Дар раванди ҳалли илмии масъалаҳои гузошташуда равишҳои методологӣ ва методии пажӯҳиш, ки муаллиф интихобу истифода намудааст, имконият додааст, ки натиҷаҳои судманди илмӣ баҳри баланд бардоштани самаранокии истифодаи низомҳои гумрукӣ ба даст оварда шавад.

Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия омада ва сатҳи илмии онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони иқтисодии ватанию хориҷиро дар самти мукаммалгардонии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эҷодкорона истифода бурдааст.

Дар раванди тадқиқоти диссертатсионӣ усулҳои иқтисодии таҳлил васеъ истифода шудаанд, махсусан: усулҳои индуксия ва дедуксия, иқтисодию оморӣ, қиёс, ҳисобию конструктивӣ, тавозунӣ, графикӣ, монографикӣ, экспертиза ва пурсишҳои иҷтимоӣ.

Шиносоӣ бо мундариҷаи диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф ба таври самаранок бо адабиётҳои илмӣ доир ба мавзӯи таҳқиқот кор кардааст, мустақилона далелҳои омориро вобаста бо мақсади таҳқиқот ҷамъ овардааст, коркард ва таҳлил намудааст.

## 6. Арзёбии мундариҷаи диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти баанҷомрасонидашуда сохтори диссертатсияро муайян мекунад. Диссертатсияи барои тақриз пешниҳодгардида аз муқаддима, се боби матни асосӣ, хулоса, рӯйхати адабиёт иборат аст. Муҳтавои асосии таҳқиқот дар 209 саҳифа оварда шудааст ва 19 ҷадвал, 28 расмро дар бар мегирад. Рӯйхати адабиёт аз 179 номгӯй иборат аст.

Дар муқаддима мубрамии мавзӯи диссертатсия, дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объекту предмет, фарзияи таҳқиқот муайян гардидаанд,

ҳамчунин маълумот оид ба асосҳои назариявию методологии таҳқиқот, сарчашмаҳои маълумот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия, ҳамчунин сохтор ва ҳаҷми диссертатсия нишон дода шудааст (С. 4-15).

Дар боби якуми диссертатсия“Асосҳои назариявию методии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар шароити муносибатҳои иқтисоди бозорӣ”- нақши бозори хизматрасонии гумрукӣ дар иқтисодиёти кишвар, низомҳои гумрукӣ ва хусусияти истифодабарии онҳо дар шароити муосир ва таҷрибаи ҷаҳонии рушди низоми идоракунии хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудааст (С.16-71)

Ба андешаи муаллиф ҳангоми баррасии хизматрасониҳо яке аз меъёри муайян кардани онҳо ин аст, ки савдои хизматҳо аз тиҷорати молҳои дигар бо он фарқ мекунад, ки молики он метавонад сарҳадро гузарад ё молро мавриди коркарди гумрукӣ қарор диҳад. Хизматрасонии гумрукӣ нисбати молҳое, ки аз рӯи хусусиятҳояшон аз назорати гумрукӣ нагузаштаанд ва наметавонанд гузарад дар асоси декларатсияи гумрукии бор ҳангоми назорати гумрукӣ сурат гирифта, қайдҳои махсус дар он гузошта мешаванд(С.20).

Дар диссертатсия дуруст дарҷ гардидааст, ки бо дарназардошти ақидаҳои олимон, муаллиф чунин мешуморад, ки нақш ва аҳамияти хизматрасониҳо ба фаъолияти иқтисоди байналмилалӣ иборат аз он аст, ки онҳо бастаҳо ва амалисозии муомилоти савдоро бо мақсади таблиғи маҳсулот (молҳое, ки шакли моддӣ доранд, инчунин хизматҳо ё моликияти зеҳниро таъмин мекунанд), ки дороиҳои ғайримоддӣ мебошанд, аз фурӯшанда то харидор ба амал мебароранд (С.28).

Бояд зикр намуд, ки муаллиф роҳҳои мушаххаси такмил додани расмиёти гумрукиро таҳлил карда, таъсири мусбат ва манфиро, ки дар натиҷаи чунин такмил ба вуҷуд меоянд, муқоиса кардааст. Мавриди зикр аст, ки айни замон, самаранокӣ ҳамчун таносуби таъсири мусбат ва манфӣ бо роҳҳои гуногун - аз нуқтаи назари давлат ва аз нуқтаи назари доираҳои тиҷоратӣ арзёбӣ карда мешавад. Ҳамчунин, арзёбӣ дар натиҷаи таҳияи расмиёти гумрукӣ бо назардошти тағйири таносуби «хароҷот» ва «натиҷаҳо» -и фаъолияти ҷории мақомоти гумрук инчунин тағйири хароҷоти раванди таҳияи расмиёти гумрукӣ асоснок карда мешаванд (С.42).

Дар маҷмуъ, муаллиф ба он ақида устувор аст, ки хизматрасониҳои гумрукӣ ва баланд бардоштани сифати онҳо бо дарназардошти риояи талаботҳои стандартҳои байналмиллалӣ дар Тоҷикистон ба роҳ монда шавад.Ҳамзамон, муаллиф чунин мепиндорад, ки таҳлили таҷрибаи хориҷӣ ва ватанӣ оид ба идоракунии сифати хадамоти гумрук имкон медиҳад, ки тамоюлҳои рушди он муайян карда шаванд, ки ин албатта барои асоснок кардани намунаҳо ва принсипҳои идоракунии сифати хизматрасонии гумрукӣ муҳим аст, ки дар онҳо равишҳои дахлдори методологӣ бояд ба кор бурда шаванд(С.70).

Дар боби дуюми таҳқиқот "Вазъи ҳозира ва рушди истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Тоҷикистон" ҷабҳаҳои консептуалии идоракунӣ ва истифодаи низомҳои гумрукӣ дар рушди фаъолияти иқтисодиёти байналмилалӣ, таҳлил ва баҳодиҳии хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амсиласозии иқтисодию риёзии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар мақомоти гумрук ба сомон расонида шудааст (С.72-115).

Тавре муаллиф зикр менамояд, ки таъсиси модели универсалӣ бояд ба таҳлили мустақилона ва иҷрои ҳисобҳои пешгӯйӣ бо мақсади арзёбии худ, инчунин бо супориши роҳбарияти гумрук равона карда шавад. Ба назари мо, ин корҳоро мутахассисони мақомоти гумрук дар асоси истифодаи усулҳои баҳодиҳӣ анҷом медиҳанд (С.72.).

Натиҷаҳои боби мазкур дорои аҳамияти амалӣ мебошанд, зеро натиҷаҳои бадастомада имкон медиҳад, ки фаъолияти умумии мақомоти гумрук, аз ҷумла дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқ беш аз 7-8% ва аз ҷиҳати функсияи фискалӣ на камтар аз 10-12% зиёд карда шавад. Қайд кардан муҳим аст, ки ҳамзамон мо тафсилоти интихоби механизмҳоро барои таҳияи усули ҳисоббаробаркунӣ барои банақшагирӣ ва пешбурди фаъолият, таносуби мутобиқат ва қоидаҳои таҳияшуда барои амалиётҳои стандартиро, ки дар шӯъбаҳои гумрук гузаронида мешаванд, муфид меҳисобем (С.79).

Ба андешаи муаллиф, дар маҷмуъ, равишҳои баррасишаванда асосан фаъолияти шуъбаҳои гумрукро оид ба ситонидани боҷҳои гумрукӣ, андоз аз аризиши иловашуда, аксизҳо ва дигар пардохтҳо тавсиф мекунанд. Аз тарафи дигар мувофиқи истифодаи назарияи назорати оптималӣ дар раванди муайян кардани мафҳуми параметрҳои назорат, ҳолат, фаъолияти низоми гумрук мушкилоти хело зиёд ба миён меоянд. Дар ин шароит, ҳангоми истифодаи усулҳои тавсифи динамикии фаъолияти воҳидҳо, бо назардошти ҳамкории ҷараёни вазифаҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва имконияттҳои дар айни замон мавҷудаи ташкилӣ ва моддӣ барои воҳидҳои

гумрукии омӯхташуда, мушкилотҳо ба вуҷуд омадаанд, ки роҳи ҳалли онҳоро ёфтан хело зарур аст (С.80).

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки дар раванди баррасии расонидани хизматрасониҳои гумрукӣ баҳодиҳии фаъолияти анборҳои муваққатӣ бамаврид аст (ҷадвали 1, замимаи 2). Аз ҷадвали 1, замимаи 2 бармеояд, ки дар маҷмуъ, ҳиссаи шумораи умумии шартномаҳои басташуда нисбати нигаҳдории муваққатӣ нисбат ба соли 2015 дар соли 2022 ба - 19,68% зиёд шудааст. Ин имконият дод, ки ҳаҷми савдои байналмилалӣ дар кишвар зиёд гардад (С.90).

Ҳамзамондар таҳқиқот зикр шудааст, ки натиҷаи амсиласозии иқтисодию риёзии истифодаи низомҳои гумрукӣ ба мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият медиҳад, ки сатҳи банақшагирӣ ва идораи фаъолияти гумрукӣ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шуда, пурзур намудани назорати гумрукӣ, истифодаи оқилонаи ҳамаи низомҳои гумрукӣ, ҳимояи манфиатҳои иқтисодии кишвар ва бехатарии иқтисодии он таъмин карда шуда, рушди муносибатҳои мутақобилаи дутарафа дар соҳаи гумрукӣ бо назардошти амали намудани шартҳои тиҷоратии молрасонӣ дар сатҳи ҷавобгӯ ба стандартҳои байналмилалӣ қарор дода шавад (С.115).

Дар боби сеюми диссертатсия“Самтҳои такмили истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”- ташаккулёбии стратегияи рушди инноватсионии мақомоти гумрукӣ дар шароити муосир, арзёбии сатҳи сифати хизматрасониҳо дар раванди истифодаи низомҳои гумрукӣ, самтҳои мукаммалгардонии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст (С.116-149).

Муаллиф қайд менамояд, ки дар шароити кунунӣ рушди ҳамкориҳои байналмилалии гумрукиро самти афзалиятнок ҳисобидан мумкин аст. Ҳадафи асосии он фароҳам овардани шароити мусоид барои татбиқи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ тавассути содагардонӣ ва коҳиш додани расмиёти гумрукӣ ҳангоми содирот ва воридот аст. Амалигардонии ин мақсадҳо тавассути ташкили лоиҳаҳо дар соҳаи гумрук, ба монанди «долони сабз», эътирофи дуҷонибаи натиҷаҳои назорати гумрукӣ, мубодилаи аксҳои системаи маҷмуии назоратию санҷишӣ, инчунин, ҳамкорӣ дар соҳаи фаъолияти ҳифзи ҳуқуқӣ анҷом додан мумкин аст (С.132)

Дар диссертатсия дар асоси таҳлили фаъолияти ҷузъу томҳои гумрукӣ муаллиф муайян кардааст, ки ба сатҳи сифати хизматрасонии гумрукӣ мавҷуд будани хатогиҳо ҳангоми ҳуҷҷатгузорӣ ва истифодаи низомҳои гумрукӣ таъсирири бевосита мерасонад Ин хатогиҳо ҳангоми пур кардани декларатсияҳои гумрукӣ ва ҳуҷҷатҳои дигар аз ҷониби иштирокчиёни

фаъолияти иқтисоди байналмилалӣ ва кормандони гумрук рух медиҳад (С.135).

Инчунин дар ин замина ба андешаи муаллиф арзёбӣ ва идоракунии сифати хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ зарур аст. Самти муҳими такмили фаъолияти мақомоти гумрук баланд бардоштани самаранокии назорати гумрукӣ ва риояи қонунгузорӣ ҳангоми амалиётҳои гумрукӣ буда, бояд ҷорӣ намудани системаи идоракунии сифат дар асоси стандартҳои байналмилалӣ ба роҳ монда шавад (С.140).

Муаллиф қайд менамоед, яке аз омилии асосии баланд бардоштани сатҳи сифати хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ - ин пурра гузаштан ба декларатсиякунонии электронии моли таҳти расмиёти гумрукии транзити байналмилалӣ қарордошта мебошад. Ин имконият медиҳад ба иштирокчиёни ФИБ пешниҳоди якмаротибаи ҳуҷҷатҳои барои гузаронидани амалиёти гумрукӣ зарурӣ имконият дода шавад. Декларатсикунонии электронии расмиёти гумрукӣ барои такмил додани маъмурикунонии гумрукӣ дар самти татбиқи технологияҳои иттилоотӣ нақши асосиро мебозад. Илова ба ин муаллиф қайд мекунад, ки омили дигари рушди хизматрасониҳои гумрукӣ ин такмил додани назорати гумрукӣ баъди иҷозати мол мебошад. Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии низоми назорати гумрукӣ пас аз иҷозати мол аз тартиби истифодаи содагардонии он вобаста аст (С.143).

Ҷиҳати мусбати таҳқиқот дар он аст, ки фаъолияти гумрукӣ дар марҳалаи ташаккул ёфтани худ қисми ҷудонопазири сиёсати хориҷии давлат буда, ҳаҷм сохт ва шароити воридоту содироти молро танзим месозад. Дар айни вақт ҳамаи давлатҳои ҷаҳон ба савдои байналмилалӣ ҷалб шудаанд. Тиҷорати байналмилалӣ дар шароити инкишоф ёфтани иқтисоди байналмилалӣ дар байни мамлакатҳо ҷомеаи ҷаҳонӣ назар ва рушди босурати афзоиши истеҳсолот бо суръати нисбатан пеш меравад (С.152).

Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти ба анҷомдода шуда ва баҳодиҳии онҳо муаллиф муайян намудааст, ки онҳоро мавриди истифода дар таҷрибаи ташкилотҳои гумрукӣ қарор додан зарур аст. Инро ба назар гирифта, муаллиф самтҳои асосии афзалиятноки рушди инноватсионии мақомоти гумрукӣ ва истифодаи низомҳои гумрукиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст (С.157).

Диссертатсияи тақризшаванда бо хулоса ва тавсияҳои судманд барои рушди ояндаи объекти таҳқиқот анҷом меёбад (С. 163-167).

## 7. Эроду тавсияҳо ба диссертатсия

Ба сифати эроду тавсияҳо ба диссертатсияи тақриз мазкур чуин нуктаҳоро қайд кардан мумкин аст:

1. Ба андешаи мо, сатҳу сифати диссертатсия боз ҳам беҳтар мегардид, агар муаллиф ҳангоми баррасии мафҳумҳои "низомҳои гумрукӣ", "пардохтҳои гумрукӣ", "хизматрасониҳои гумрукӣ" ва "мақомоти гумрукӣ" нуктаҳои назари олимони ватаниро дар шакли ҷадвали қиёсӣ истифода мебурд.

2. Дар диссертатсия агарчанде истифодаи таҷрибаи хориҷии рушди низоми идоракунии хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта бошад, ҳам истифодаи таҷриба ё модели мушаххас ба ҷумҳурии мо мувофиқ нишон дода нашудааст.

3. Муаллиф таҳлил ва баҳодиҳии хизматрасониҳою истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро (саҳифаи 82-103) хеле ба тафсил арзёбӣ шудааст, аммо натиҷаи он дар хулосаи боби мазкур нишон дода нашудааст.

4. Дар диссертатсия беҳтар мешуд агар, муаллиф назарсанҷӣ ё пурсишномаро оид ба мушкилот ва дурнамои низомҳои гумрукӣ мегузаронид ва дар натиҷа хулоси мантиқӣ мебаровард;

5. Дар диссертатсия ва автореферати он як қатор хатогиҳои имлоӣ дида мешаванд.

Аммо эроду тавсияҳои зикршуда сатҳи назариявию амалии таҳқиқоти диссертатсионии Ғаюрова Р.С. -ро коҳиш намедиҳад. Дар умум диссертатсияро метавон гуфт, ки таҳқиқоти ба итмомрасида аст, мустақилияти муаллиф дар омода намудани диссертатсия эҳсос мешавад.

## 8. Тасдиқи инъикоси натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нашрияҳои илмӣ

Асарҳои интишорнамудаи муаллиф хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷойдоштаро дар худ инъикос менамоянд. Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқот 8 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои аз тарафи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шуда, чоп карда шудаанд. Натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ дар конференсияҳои илмию назариявӣ ва илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба тариқи маърӯзаҳои илмӣ баён шуда буданд.

## 9. Мутобиқати автореферат ба муқарароти асосии диссертатсия

Автореферати диссертатсияи Ғаюрова Рано Саидмуродовна тибқи талаботи муқараргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ таҳия гардида, мазмуни асосии таҳқиқотро инъикос мекунад ва дар он натиҷаҳои илмии асоснокгардида шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

## 10. Хулоса оид ба мутобиқати диссертатсия ба меъёрҳои муқарраргардида

Диссертатсия дар мавзӯи “Мукаммалгардонии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” таҳқиқоти илмӣ-тахассусии баитмомрасида буда, ба талаботи муқарраргардидаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсия дорои аҳамияти баланди назариявию амалӣ, навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардидааст, масъалаи муҳими илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Ғаюрова Рано Саидмуродовна сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси зикршуда мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи ғайринавбатии муштараки кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 28 майи соли 2024, суратҷаласаи № 10/1 муҳокима ва тасдиқ карда шудааст.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:**

Иштирок доштанд – 32 нафар омӯзгорон, аз ҷумла 16 нафар докторону номзадони илм;

Ҳуқуқи овоз доданро доранд – 16 нафар докторону номзадони илм;

“Тарафдор” – 16 нафар; “Зид” – нест; “Бетараф” – нест.

**Раисикунандаи ҷаласа:**

Мудири кафедра, н.и.и., дотсент — Давлатов Х.М.

Тақризро омода намуд:
н.и.и., дотсенти кафедра — Муминов А.Б

Котиби ҷаласа: н.и.т., дотсент — Мираков Қ. М.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДМИТ, н.и.х., дотсент — Шарипов У. А.

**Суроғаи муассисаи пешбар:** 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14

**Тел:** Тел./Fax: +992(37) 2310201

**E-mail:** E-mail:http://www.tgfeu.tj/tj